Суратҷаласаи №5

Шӯро машваратии ҷамъиятии назди КВДК "Хуҷандобуканал"

14 апрели соли 2016 ш.Хуҷанд

Иштирок доштанд: Бурхонов Р.С. сардори иҷроиши лоиҳаи КВДК "ХОК", намояндаи ФТҶ "Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон" дар вилояти Суғд, аъзоёни шӯрои машваратӣ.

Иштирок надоштанд: 5 нафар (ШСМ)

Рӯзномаи маҷлис:

1. Баромади сардори лоиҳаи КВДК "ХОК" оид ба фармони №244 аз 30.09.2015 сол;
2. Баромади Баротов оиди сар шудани мавсими обёрӣ ва нархномаи хизматрасонии корхона барои обёрӣ;
3. Масъалаҳои ҷорӣ.

Вохӯрии навбатии Шӯрои машваратии ҷамъиятиро бо кормандони КВДК "Хуҷандобуканал" ва намояндагони раисони биноҳо, намояндагони раисони маҳаллҳо Бурҳонов ҳусни ифтитоҳ бахшид.

Дар баромади худ Бурҳонов ҳозиринро бо рӯзномаи маҷлис шинос намуда, иштирокчиёнро оиди меъёрҳои Низомномаи Шӯро дар бораи ҳозир шудан ва иштироки ҳатмии онҳо истода гузашт.

Баротов оиди масъалаи дуюми рӯзномаи маҷлис баромад намуда кайд кард, ки ягон Қарор аз тарафи собиқ раиси шаҳри Хуҷанд Раҷаббой Аҳмадзода оиди бемузд кардани интиқоли об барои обёрии майдончаҳои назди биноҳои баландошёна қабул нашудааст. Инчунин корхона баҳри бастани шартнома бо муштариён бобати пардохти хизматрасонии корхона барои обёри намудании майдончаҳои шахсии соҳибмулкон корбарӣ карда истодааст ва то имруз бо 10 % муштариён шартнома баста шудааст. Аз тарафи Каримова Сабоҳат гуфта шуд, ки аз истиқоматкунандагони бинои 7, мкр.31 чор нафар соҳибмулкони майдончаҳои наздиҳавлигӣ истиқомат мекунанд ва пеш аз оғози мавсими обёрӣ бо ҳамаи онҳо шартнома баста шудааст. Лекин ӯ қайд намуд, ки истиқоматкунандагон қатъиян аз пардохти маблаг барои

кабудизоркунии маҳалҳо, майдончаҳои назди бино саркашӣ мекунанд, зеро кабудизоркуниро онҳо ба манфиати бештари давлат мешуморанд ва оиди он онҳо ҳисобот низ месупоранд ва ман ҳамчун раиси ин бино қайд кард ӯ наметавонам маҷбур намоям, ки онҳо ин маблағро пардохт кунанд. Инчунин, оиди ин масъала Бурҳонов маълумот дод, ки дар яке аз вохӯриҳо бо собиқ раиси шаҳри Хуҷанд аз тарафи Раҷаббой Аҳмадзода оиди ҷамъ намудани маблағи пардохти хизматрасонии оби нӯшокӣ барои обёрӣ ба КВДК "Хуҷандобуканал" супориш дода шудааст. Ӯ қайд намуд, ки баҳри баланд бардоштани маърифати муштариён оиди чунин пардохтҳо тариқи ВАО намоиш дода шуд. Ҳангоми бо муштарӣ бастани шартнома оиди обёрии майдончаҳо суратҳисоби махсуси алоҳида ба номи муштарӣ кушода мешавад.

Намоянда аз маҳаллаи Ором Раҷабов Мӯъминҷон гуфт, ки аҳолии маҳаллаи Ором пардохти маблағи хизматрасониро то 70% бо пардохти обёрӣ ичро карда истодаанд, лекин талафоти об дар ин маҳалла аз ҳисоби фарсуда будани қубурҳои обӣ ба вуҷуд омада истодааст.

Валентина Москаленко оиди навъ кардани қубурҳои шоҳроҳӣ пурсон шуд. Ба ин савол аз тарафи Бурҳонов ҷавоб дода шуд, ки аз рӯи лоиҳа иваз намудани қубурҳо ба масоҳати 10 км дар назар аст. Инчунин вобаста ба чоҳакҳои кушода гуфта шуд, ки дар назар аст чунин чоҳакҳо бо стандартҳои нав пӯшида мешаванд, ки бо қулфакчаҳои махсус таҷҳизонидашуда шудаанд. Гуфта шуд, ки на ҳамаи чоҳакҳои дар шаҳр мавҷуд буда ба КВДК "Хуҷандобуканал" тааллуқ дорад, ичунин чоҳакҳои шабакаҳои барқ, сухторхомушкунак низ ҳастанд, ки истиқоматкунандагон онҳоро аз ҳамдигар фарқ карда наметавонанд. Барои ҳамин аз тарафи ҳуқуқшиноси КВДК "Хуҷандобуканал" Саидаҳмадзода Охунбобо пешниҳод карда шуд, ки дар назди КВДК "Хуҷандобуканал" Комиссия оид ба муайян намудани чунин чоҳакҳо таъсис дода шавад ва дар вохӯрии оянда мутахассиси шуъбаи дахлдор даъват карда шавад.

Чунин пешниҳод шуд, ки бо фаъолони маҳаллаҳо ва намояндагони КВДК "Хуҷандобуканал" барои беҳтар гардонидани сифати хизматрасонӣ вохӯриҳо гузаронида шавад.

Дар охири маҷлис қарор карда шуд, ки ба раиси шаҳри Хуҷанд оиди ҳал намудани масъалаи таъмини маҳалҳо бо оби полезӣ барои кабудизоркунӣ ё ҷудо намудани маблағ аз ҳисоби буҷети шаҳр мактуб аз номи Шӯро пешниҳод карда шавад.

Бо ҳамин Шӯрои машваратии ҷамъиятӣ дар назди КВДК "Хуҷандобуканал" ба анҷом расид.

Раиси комиссия: Бурҳонов Р.С

Котиби комиссия: Набиев В.